315897 - Агар зане курсеро, ки муҳлати аслии он 24 соат аст, ҳамагӣ 20 соат дарс диҳад, оё маблағе, ки барои он дарёфт мекунад, барояш ҳалол аст?

савол

Ман дар ҳукумат кор мекунам. Дар доираи як низомномаи махсус, ки дар таҳияи он низ иштирок доштам, барномаи нави омӯзиширо роҳандозӣ кардам. Ин барнома барои ҳукумат даромади зиёди молиявӣ меорад ва ман аз ин даромад ҳеҷ ҳиссае надорам, ба ҷуз ҳаққи соатҳои омӯзишие, ки худам шумораи онро муайян мекунам.

Барои ҳар як соат маблағи муайяне мегирам, ки онро низ ман ҳамроҳ бо роҳбари худ муайян кардаам. Мо имкони зиёд кардани ин маблағро дорем, аммо танҳо баъд аз розигии роҳбар.

Саволи ман ин аст: агар шумораи тахминии соатҳои омӯзишии як курс, масалан, 24 соат бошад, вале ман дар амал танҳо 20 соат дарс дода бошам, оё бояд танҳо ҳаққи 20 соатро дарёфт кунам? Ё ҳақ дорам маблағи пурраи 24 соатро бо иловаи ҳаққи 4 соати дигар гирам? Бо дарназардошти он ки низомномаи махсуси марбут ба ин масъала, ки ман низ дар таҳияи он иштирок доштам, умуман ба ин масъала ишорае накардааст.

Ҷавоби муфассал

Вафо ба аҳду паймонҳо воҷиб аст. Зеро Аллоҳ таъоло мефармояд:

يَاأَيُّهَا الَّذِينَ آمَنُوا أَوْفُوا بِالْعُقُودِ

سورة المائدة: ١

«Эй касоне, ки имон овардаед! Ба аҳду паймонҳо вафо кунед». (Сураи Моида: 1).

Ҳамчунин паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) мкфармояд:

«Мусулмонон ба шартҳои худ пойбанданд».

Ривояти Абудовуд (3594). Албонӣ ин ҳадисро дар китоби "Саҳиҳи Абудовуд" саҳеҳ донистааст.

Фиреб, дурӯғ ва ба ноҳақ хӯрдани моли мардум ҳаром аст. Ин ҳукм аз матнҳои фаровону машҳури Шариъат ба таври равшан маълум мебошад.

Бинобар ин, агар мувофиқа бар он бошад, ки давомнокии курс 24 соатро ташкил медиҳад, пас вафо кардан ба ҳамин мувофиқа воҷиб мебошад ва ҷоиз нест, ки аз ин камтар дарс дода шавад ва сипас бар хилофи воқеият навишта шавад, ки курс пурра баргузор гардидааст, зеро дар чунин амал дурӯғ ва фиреб вуҷуд дорад. Илова бар ин, чунин рафтор ба ноҳақ соҳиб шудан ба мол мебошад. Аз ин рӯ, гирифтани ҳаққи соатҳое, ки дар воқеъ баргузор нашудаанд, ҳалол нест, магар он ки пешакӣ муайян шуда бошад, ки давомнокии курс 20 соат мебошад.

Пас, саъю кӯшиш намоед, ки курсро пурра баргузор кунед, то ба аҳду паймон ва шартҳои муайянгардида вафо карда шавад. Агар дар раванди он камбудие ба вуҷуд ояд, бояд шумораи воқеии соатҳое, ки дарс дода шудаанд, ошкор ва ба таври дақиқ баён гардад.

Аллоҳ донотар аст.